ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири *Bacillus subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ба талабот оид ба барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ)

Муҳимияти масъала. Бемории сил (туберкулёз) яке аз проблемаҳои ҷиддитарини иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, кайҳо боз аҳли башарро сахт ба ташвиш овардааст.

Проблемаҳои эпидемиологӣ ва эпизоотологии ин бемориро танҳо бо роҳи ба амал баровардани маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ ва ветеринарӣ комилан ҳал кардан мумкин аст, яъне ҳамкории зичи олимони соҳаи тандурустӣ ва ветеринарӣ метавонанд садди роҳи паҳншавии ин беморӣ гардад.

Дар шароити нави хоҷагидорӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва сол аз сол кам шудани чорвои ҷамъиятӣ, зиёд гаштани чорвои шахсӣ дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва инфиродӣ, чорвои шахсии одамон, яке аз проблемаҳои муҳим, ин омӯзиши хусусиятҳои хоси ташхиси саривақтӣ ва гузаронидани корҳои пешгирӣ оид ба нест кардани бемории сил дар хоҷагиҳои шахсӣ ва наздиҳавлигии шаҳрвандон ба шумор меравад.

Бемории сил аз ҷиҳати паҳноӣ бемории хавфнок буда, дар тамоми ҷаҳон вомехӯрад ва дар қатори миллионҳо сар чорво одамони зиёде ба ин беморӣ гирифтор мегарданд. Бемории сил дар байни бемориҳои сирояткунанда яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад.

Муаллифи рисола Исвалиев Сино Мирзоназарович дар рафти тадқиқот сабабҳои зоҳиршавии аксуламалҳои бодигармӣ дар ЧКШ ҳангоми истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон омӯхта, арзиши муқоисавии ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо СХТ – туберкулин барои ширхӯрон, туберкулин барои парандагон ва санҷиши симултанӣ бо СХТ барои ширхӯрон ва АММҒ, муайян намудааст.

Махсус усули фаврии санҷиши симултании туберкулинӣ бо СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ бо мақсади тафриқасозӣ (дифференсиатсия)-и аксуламалҳои парааллерӣ нисбат ба туберкулинро мавриди истифода қарор дода, моҳияти баланди ташхисӣ доштани онро амалан исбот намудааст.

Хусусиятҳои иллатзойӣ ва ҳассосгардонандаи (сенсибиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони

шохдор муқаррар намудааст, инчунин таъсири бактериостатикии ҳайлҳои *Bacillus subtilis* ба зоҳирёбии аксуламалҳои ғайрихоси бодигармӣ нисбат ба воридкунии СХТ-туберкулин барои ширхӯрон омӯхта, муайян кардааст.

Хулоса. Маводи дар рисолаи номзадии Исвалиев Сино Мирзоназаровичро дар мавзуи «Таъсири *Bacillus subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихосси аллергии туберкулинӣ» ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки он ба талабот оид ба барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ҷавобгӯй мебошад ва боиси дастгирист.

Муаллифи рисола Исвалиев Сино Мирзоназарович бошад, барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) арзанда мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи микробиология,
вирусология ва иммунология
МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-
иҷтимоии Тоҷикистон"
н.и.т., Мирзоева Ф.Д.

22 июни соли 2026

Суроға:734025, ҶТ ш.Душанбе
хиёбони Рудаки 181/1 х.9
Телефон:+992888666422
E-mail. fazilamirzoeva36@gmail.com

Имзои Мирзоева Ф.Д.-ро
"Тасдиқ мекунам"
Сардори Шуъбаи кадрхо Қарахонзода М.М.

Суроғаи муассиса: 734042, ҶТ, ш. Душанбе, ,
Телефон: (+992) 918 67 74 48
E-mail: dtit082020@gmail.com

23 июни соли 2026